# АХБОРОТИ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ИЗВЕСТИЯ

АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР

## ШӮЪБАИ ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ
## ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

1977 1

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР,**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК, №1 (87), 1977 г. (стр. 57-64)**

**РАҲИМ МУСУЛМОНҚУЛОВ**

# РОҶЕЬ БА БАЪЗЕ МАСЬАЛАҲОИ ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСӢ ДАР АСРҲОИ X-XV

Дар ёдгориҳои хаттии асрҳои X-XV тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ бо якчанд роҳ ҷараён ёфтааст ва он сарчашмаҳоро мувофиқи равияву тарзи тавзеҳи истилоҳот ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

I. Асарҳои ба илмҳои арӯз, бадеъ ва қофия бахшидашуда. Як гуруҳ, адабиётшиносон, аз қабили Умари Родуёнӣ (“Тарҷумон-ул-балоғат”), Рашиди Ватвот (“Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеьр”), Насириддини Тусӣ (“Меъёр-ул-ашьор”), Шарафиддини Ромӣ (“Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ”), Тоҷ ал-Ҳаловӣ (“Дақоиқ-уш-шеър”), Хусрави Деҳлавӣ (“Эъҷози Хусравӣ”) ва дигарон дар зимни шарҳу эзоҳи саньатҳои бадей, конунҳои арӯз, қофия ва амсоли инҳо чи маънои луғавӣ ва чи маънии истилоҳии як қатор истилоҳоти адабиётшиносиро аз рӯи ҷаҳонбинӣ, донишу қудрат ва таҷрибаи эҷодии замони худ тафсир кардаанд.

II. Фарҳанг, тазкира ва дигар сарчашмаҳои адабӣ, илмӣ ва ғ. (ҳамчун “Луғати Фурс”, “Ҳафт кулзум”, “Ғиёс-ул-луғот”, “Чаҳор мақола”, “Қобуснома”, “Лубоб-ул-албоб” ва амсоли инҳо), ки дар онҳо низ зимни сухан қисме аз истилоҳоти адабиётшиносӣ шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

III. Қисматҳои махсусе, ки адабиётшиносон дар асарҳои худ роҷеъ ба истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшидаанд. Ин ҷо иҷмолан оид ба ҳамин хусус тавaққуф хоҳад шуд.

Бояд гуфт, ки то Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр, аз ҷумла дар асрҳои X-XV, адабиётшиносон масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқи махсус ва ҷиддии илмӣ қарор надодаанд ва асарҳои алоҳида оид ба истилоҳот ҳам таълиф нанамудаанд. Аммо, ҳамон навъе ки ишора рафт, баъзе адабиётшиносон, ҳамчун Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон дар қисме аз асарҳои худ ба тафсири баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ пардохтаанд.

Рашиди Ватвот дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” зери унвони “Алфозе ки дар забони аҳли ин саноат афтодааст ва аз мусталиҳоти эшон шуда, берун аз он чи ёд кардем” фасле кушода, дар он истилоҳҳои мадҳ (мадеҳ, мидҳат), ҳаҷв (ҳиҷо), ташбиб (насиб, ғазал), мусарраъ, хасӣ, тарҷеь, акс, мукаррар, мутанофир, муталоим, иртиҷол, равият (фикрат, бадеҳа), ҷазолат, салосат ва саҳлу мумтанеьро хеле мухтасар, бо як-ду сухан

шарҳ медиҳад,[1] ки ин ташаббуси у дар адабиётшиносии тоҷику форс, агар хато накунем, нахустин мебошад.[2]

Шамси Қайси Розӣ дар охири боби шашуми қисми дуюми "Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам" мадҳ, ҳаҷв, хасӣ, мукаррар, тарҷеъ, акс, мутанофир, муталоим барин истилоҳҳои нисбатан маълум ва ё дар бобҳои пешини рисолаи мазкур шарҳёфтаро аз руйхат хориҷ намуда, ба он рубоӣ, муздаваҷ, муқаффо, маҳдуд, байт-ул-қасида, луғз, муаммо, мутакаллаф ва матбуъро илова намудааст, ки ҳамагӣ аз 14 истилоҳ иборатанд.[3] Ин муаллиф, агар, аз як тараф, ба масъалаи интихоби истилоҳоти тафсиршаванда диққат диҳад, аз тарафи дигар, шарҳу эзоҳи онҳоро нисбатан пурқувват ва муфассалтар менамояд, ки ин масъала дар поёнтар равшан хоҳад гашт.

Дар "Дақоиқ-уш-шеър"-и Тоҷ ал-Ҳаловӣ роҷеъ ба баёни истилоҳоти адабиётшиносӣ фасли махсусе мавҷуд набошад ҳам, дар қисмати "Аҷноси шеър ва анвои назм" чанд "луғоте, ки мусталеҳ ва мутадовили асҳоби ин илм ва арбоби ин фан" мебошанд, шарҳу эзоҳ ёфтаанд.[4]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар фасли чаҳорум ("Дар зикри баъзе алфоз, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст")-и "Муқаддима"-и асари худ эҷоз, баст, мусовот, матлаъ, мақтаъ, мусарраъ, байт, назм, наср, насиб, ташбиб, байт-ул-қасида, мутаворид, дуои таъбид ва дар "Фоида" ("Дар зикри алфозе, ки дар анвои шеър истеъмол меёбад") тавҳид, наът, мунқибат, мавъиза, асрор, мадҳу мидҳат, ҳаҷву ҳиҷо, ҷид, ҳазл, мутоиба, марсия, мунозира, хамриёт ва қасамиётро шарҳу эзоҳ додааст,[5] ки ин ҳолат чи барои хонандагони замони муаллиф ва минбаъда ва чи барои муҳаққиқони афкори назарии эстетикии халқҳои тоҷик ва форс дорои қимати муайяне мебошад.

Дар масъалаи тафсири истилоҳҳои адабиётшиносӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳам диққати махсус додааст ва "Баҳс"-и дуюми "Хотима"-и "Бадоеъ-ус-саноеъ"-ро ба он бахшидааст. Муносибати Атоулло дар ин боб дорои чанд хусусияти хос мебошад, ки онро аз назар хоҳем гузаронд.

1. Азбаски истилоҳҳои луғз, муаммо, тарҷеъ, акс, мукаррар, мутанофир, муталоим ва ғ. дар се "Санъат" (яъне, боб) ва "Баҳс"-и аввали "Хотима"-и асар баён ёфта буданд, аз қисмати "Фарҳанг" (шартан ҳамин тавр хоҳем номид) хориҷ карда мешаванд. Атоулло ба ҷои истилоҳҳои номбаршуда, мадҳ, ҳаҷв, салосат, байт-ул-қасида барин истилоҳҳоро, ки

---

[1] Рашидаддини Ватвот. Девон, бо муқаддима ва муқобала ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ. Бо китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър" аз руи чопи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1339, саҳ. 705-707.

[2] Муҳаққиқи муосири тоҷик Абдунабӣ Сатторов қисмати истилоҳоти рисолаи Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ "Бадоеъ-ус-саноеъ"-ро намунаи нахустин донистааст. (Нигаред: А. Сатторов. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои X-XV), Душанбе, 1972; саҳ.144 (дастнависи диссертатсияи номзадӣ).

[3] Шамсиддин ибни Муҳаммад Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, бо муқобала бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ, Теҳрон, 1338, саҳ. 412-444.

[4] Нигаред: Алӣ ибни Мухаммад ал-муштаҳир ба Тоҷ ал-Ҳаловӣ. Дақоиқ-уш-шеър, ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Сайид Муҳаммад Козим Имом, Теҳрон, 1341, саҳ. 81-102.

[5] Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, дастнависи рақами 2519/1 Институти шарқшиносии ба номи Берунии АИ РСС Узбекистон, вар. 4б- 6б.

дар матни асар шарҳ наёфта буданд, ба он дохил намуда, миқдори истилоҳҳоро ба 15 мерасонад.[6]

2. Атоулло тақрибан ҳамаи истилоҳҳоро нисбат ба Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон муфассалу мукаммалтар шарҳ медиҳад. Масалан, истилоҳҳои ташбиб, насиб ва ғазалро Ватвот хеле мухтасар, бо як ҷумла ба ин минвол эзоҳ додааст ва дар миёни онҳо тафриқа нагузоштааст: "**Ташбиб** - сифати холи маъшуқ ва ҳоли хеш дар ишқи у гуфтан бошад; ва инро насиб ва ғазал низ хонанд, аммо машҳури мустаъмал он аст, ки дар миёни мардум сифати ҳарчи кунанд дар аввали шеър ва ҳар ҳолеро, ки шарҳ диҳанд, илло мадҳи мамдуҳ, онро ташбиб хонанд".[7]

Аммо шарҳи Шамси Қайс дар хусуси истилоҳҳои номбаршуда назар ба тафсири Рашиди Ватвот васеътар мебошад ва фикри ӯро ҳарҷониба такмил медихад. У насиб, ташбиб ва ғазалро як андоза пурра шарҳ дода, барои нишон додани хусусиятҳои ҳар яки онҳо як андоза ҷаҳд менамояд.[8] Назар ба қавли Шамси Қайс "ҷуз ағзолро насиб нахонанд ҳар муқаддимае, ки дар оғози амсала ва маношир ва соири мактуботи мутарассилон мунсоқ бувад ба мақсуде, онро ташбиби сухан гуянд; "ва ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон ва таҳолик дар дӯстии эшон аст".[9]

Тавзеҳоти Тоҷ ал-Ҳаловӣ, ки низ тахминан аз суханшиносони асри XII мебошад,[10] ба ақоиди Шамси Қайс қариб аст. Чунончи, дар "Дақоиқ-уш-шеър" низ гуфта шудааст, ки "насиб ҷуз ағзолро нагуянд".[11]

Аз ваҷҳи таърифи ташбиб ҳам байни Шамси Қайс ва Тоҷ ал-Ҳаловӣ қаробат мушоҳида карда мешавад. Чунончи, Тоҷ ал-Ҳаловӣ менависад, ки "ташбиб - сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир бувад, ки дар авоили қасоид эрод кунад".[12] Дар "Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам" низ гуфта шудааст, ки "ташбиб - ғазале бошад, ки сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир бувад".[13]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳудуди ин истилоҳотро боз ҳам равшантар намуда, онҳоро алоҳида-алоҳида шарҳ додааст. Мувофиқи гуфтаи ин муаллиф насиб "ғазалеро гуянд, ки шоир онро муқаддимаи мақсуди хеш созад, то ба сабаби майле, ки бештар нуфусро ба истимои аҳволи муҳиббу маҳбуб ва авсофи муғозилати ошиқу маъшуқ мебошад, табъи мамдуҳ ба шунидани он рағбат намояд ва ҳавосси вай аз дигар шавоғил боз ояд ва ба-дин

---

[6] Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеь, дастнависи рақами КП-3351 Музеи давлатии таърихи маданият ва санъати Самарқанд, саҳ. 360-368. Роҷеъ ба ин қисмати "Бадоеъ-ус-саноеъ" А. Сатторов мақолаи махсус низ таълиф намудааст. Ниг.: "Ганҷи бостонии сухан". "Маориф ва маданият", 1966, 19 ноябр.

[7] Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър, саҳ. 705.

[8] Дар бораи тафсили ин масъала мурочиат шавад ба рисолаи академик А.М. Мирзоев. "Рудакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV". Сталинобод, 1957, саҳ. 23-31.

[9] Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 414-415.

[10] Замони зиндагии Тоҷ ал-Ҳаловӣ маълум нест, аммо Сайид Муҳаммад Козим Имом тахмин мекунад, ки у дар асри VII ҳиҷрӣ умр ба сар бурдааст. (Руҷуъ шавад ба муқаддимаи "Дақоиқ-уш-шеър", чопи мазкур, саҳ. як-чаҳор). А. Сатторов (дар саҳ. 147 диссертатсияи мазкур) Тоҷ ал-Ҳаловиро намояндаи асри XIV тахмин кардааст.

[11] Дақоиқ-уш-шеър, саҳ. 84.

[12] Ҳамон ҷо, саҳ. 85.

[13] Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 413.

восита он чи мақсуди қасида аст, ба хотири мучтамеъ ва нафси мутмаин идрок кунад ва мавқеи у наздики вай мустаҳсан афтад”.[14]

Мусаннифи асари мазкур дар моддаи “ташбиб” мегуяд, ки “дар истилоҳ он аст, ки шоир пеш аз шуруъ дар мадҳ сурати воқеа ва ҳасби ҳоли худро зикр кунад ва ҳар чи муштамил бошад бар шикояти фироқ ва шарҳи иштиёқ ва васфи итлолу даман ва азҳору чаман ва васфи шабу рӯз ва иду навруз ва таърифи хазону баҳор ва тавсифи масокину диёр ва қиссаи вақоеи замон ва ғуссаи ҳаводиси даврон -- мачмуъро ташбиб гуянд”.[15] Кошифӣ ба ин ҳолат ҳам ишора кардааст, ки насибу ташбиб дар назари донишмандони пешин бетафовут аст. “Ва баъзе шуаро, – мегуяд у, – миёни ташбибу насиб фарқ накардаанд. “Ва он чи дар авоили қасоид бар мақсуди шеър тақдим ёбад, чумларо насиб ва ташбиб хондаанд”.[16] Муаллифи “Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор” дуруст пай бурдааст, ки “тоифае насибро хос кардаанд ба матолеъ ва манзумот ва ташбибро ба мубодии маншурот”.[17] Ҳамон навъе ки бармеояд, Ҳусайн Воизи Кошифӣ тафовути истилоҳҳои мазкурро зиёда аз ин равшантару возеҳтар баён накардааст.

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ бошад, ташбиб, насиб ва ғазалро аз ҳамдигар чудо намуда, онҳоро ботафсил маънидод кардааст ва гуфтан мумкин аст, ки у афкори адабиётшиносонро оид ба ин масъала аз рӯи донишу махорати худ чамъбаст намудааст.

Тавсифи истилоҳи ташбиб аз нуктаи назари Атоулло чунин аст: “**Ташбиб** дар луғат сифати чамоли зан ва ҳоли худ дар ишқ гуфтан аст ва ҳар он кас, ки шеър аз барои у гуянд”.[18] Пас, Атоулло ба донишмандони араб мансуб будани ин истилоҳ ва чигунагии онро ин тариқа баён кардааст: “Ва чун фусаҳои араб, ки возеи ин лафзанд, дар аввали ашъор аксар авқот сифати чамоли занон ва ҳоли худ дар ишқ бо эшон баён мекардаанд, онро ташбиб ном кардаанд”.[19]

Дар хусуси **насиб** Атоулло аввалан менависад, ки он “дар луғат ба маънии ташбиб аст” ва пас фикри Аллома Кутбиддини Шерозиро зикр менамояд. “Ва дар истилоҳ - менависад соҳиби китоб, Аллома гуфта: каломест, ки далолат кунад бар муҳаббати маҳбубон аз зикри ахлоқи эшон ва аҳволи тасарруфи ишқу муҳаббати эшон; ва дохил аст дар ин изҳори шавқ ва ёд кардани манозили дустон ва баёни таъбири он ба амтору риёҳ ва мисли он”.[20] Атоулло баъди овардани суханони мазкури Қутбиддини Шерозӣ ва фикри Шамси Қайс менависад, ки “Пас, маълум шуд, ки у (Шамси Қайс - Р.М.) ташбибро аам дошта аз насиб”[21] ва ин фикрро тасдиқ менамояд, ки ташбибу насиб аз ҳамдигар фарқ доранд.

---

[14] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, дастнависи рақами 749, Китобхонаи Университети Кембрич, вар. 13б.
[15] Ҳамон чо, вар. 13б - 14а.
[16] Ҳамон чо, вар. 14а.
[17] Ҳамон чо, вар. 14а.
[18] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 360.
[19] Ҳамон чо.
[20] Ҳамон чо, саҳ. 360-361.
[21] Ҳамон чо, саҳ. 351.

Атоулло зимнан ду истилоҳи дигарро низ хеле мухтасар шарҳ медиҳад, ки онҳо маҳдуд (шеъри “боздошташуда аз насиб”) ва мунтазаб[22] (шеъри “бозбурида аз насиб”) мебошанд.

Шарҳи Атоулло дар бораи ғазал низ ҳаматарафа ва нисбатан мукаммал мебошад, зеро муаллиф барои эзоҳи маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии он кушида, баъзе хусусиятҳои жанриашро ишора кардааст. Чунончи, у навиштааст: “Ғазал дар луғат дуст доштани ҳадис аст бо занон; ва дар истилоҳ -- зикри ҷамоли маъшуқ ва васфи аҳволи ишқу муҳаббат аст.[23] Муаллиф дар масъалаи шарҳи ғазал ҳам фикри Қутбиддини Шерозиро баён намудааст. “Аллома гуфта, ки гоҳе эҳтиёҷ меафтад, дар ғазал ба зикри карам ва шуҷоат, то майл кунад дили маҳбуб ба он. Ва аз ин маълум мешавад, ки, - суханашро давом медиҳад Атоулло, – зикри онҳо бар ғарази мазкур аз қабили ғазал аст. Пас, қиёс бар он зикри шароб ва аҳволи мастиро бино бар ҳамон ғараз дохили ғазал метавон дошт. Ва он ки мутааххирон инро ҳам аз қабили ғазал медоранд, ғолибан бар он аст, агарчи эҳтимол дорад, ки истилоҳ ҷадид бошад”.[24] Бояд қайд кард, ки Кошифӣ низ ғазалро жанри мустақил донista, онро дар фасли дуюм (“Дар бораи анвои шеър”)-и “Муқаддима” эзоҳ додааст.[25]

Ҷолиби диққат аст, ки аз се нусхаи дастнависи дастраси “Бадоеъ-ус-саноеъ” дар дутояш - нусхаи Музеи давлатии таърихи санъат ва маданияти Самарқанд[26] ва нусхаи Шуъбаи ленинградии Институти шарқшиносии АИ СССР[27] дар рости шарҳи истилоҳи ғазал қайди ҳошиявие мавҷуд аст, ки дар он гуфта мешавад: “Бидон, ки мутаориф ва машҳур он аст, ки ғазалро дар аввали қасида оранд. Ва қудамо гоҳе дар охир меовардаанд, чунонки Фалакӣ гуфтааст” ва пас ду байт шеър зикр меёбад, ки он дар “Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам” низ дида мешавад.[28] Ин қайди ҷузъӣ, бешубҳа, дар омузиши сайри таърихӣ ва такомулоти жанри лирикии ғазал дорои аҳамияти маълуме мебошад.

3. Азбаски Рашиди Ватвот дар тавзеҳи истилоҳҳо ботафсил сухан намеронад, барои исботи ин ё он фикри худ далели назарӣ ва мисоли бадеӣ ҳам намеоварад. Аммо равияи Шамси Қайс дар ин масъала тамоман дигар аст, зеро у барои тасдиқи фикри худ ва равшан намудани асли мақсад аз мисолҳои адабӣ ба тарзи фаровон фоида мебарад, чунончи, у танҳо барои шарҳи насиб, ташбиб ва ғазал даҳ порча, шеър мисол меорад, ки онҳо ҳамагӣ 37 байтро ташкил медиҳанд. Намунаҳои аз осори Рудакӣ, Абулфараҷ, Анварӣ, Муиззӣ, Хоқонӣ ва дигарон овардаи Шамси Қайс, аз як тараф, барои беҳтар, аёнӣ дарк намудани ақидаи соҳиби асар кумак расонанд, аз тарафи дигар, барои омузиши таърихи адабиёт аз аҳамият холӣ намебошанд. Бояд ишора намуд, ки ин муаллиф бо доираи таърихи адабиёти тоҷику форс маҳдуд нашуда, ба баъзе ҳолат ва ҳодисаҳои адабии араб ҳам истинод мекунад. Масалан, у дар зимни тавзеҳи ташбиб хусусияти осори лирикии Қусаййар, Қайс, Зареҳ, Маҷнун бани Омир барин шоирони арабизабонро нишон додааст.

---

[22] Дар “Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам” (саҳ. 415) - “муқтазаб”.
[23] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 361-362.
[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 362.
[25] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, нусхаи рақами 794, вар. 5а - 5б.
[26] Яъне, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 361.
[27] Нусхаи рақами В-3760, вар. 172б.
[28] Нигаред: “Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам”, саҳ. 421.

Фасли истилоҳот, дар “Дақоиқ-уш-шеър” хеле муъҷазу мухтасар бошад ҳам, дар он баъзе моддаҳо бо як ё якчанд мисол пурқувват карда шудаанд.[29] Тафсири Кошифӣ нисбатан муфассалтар буда, муаллиф барои тақвияти фикри назарии худ гоҳе мисолҳо ҳам меорад, ки инро дар моддаҳои эҷоз (1 байт), баст (2 байт), мусовот (1 байт), дуои таъбид (2 байт) ва ғ. дучор меоем.[30]

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, аз як тараф, дар бораи ин ё он истилоҳ ботафсил сухан ронда, фикри дигаронро нишон диҳад, аз тарафи дигар, ақидаи худро бо далелу хуҷҷатҳо ба субут мерасонад, ки инро дар аснои мутолиаи истилоҳҳои муҷаммаъ, матбуъ ва ғ. мушоҳида намудан мумкин аст. Чунончи, у дар бораи матбуъ навиштааст:

“**Матбуъ -** шеъреро гуянд, ки бинои ин бар вазни мақбули тибои салима ва қофияи дуруст ниҳода бошанд; ва алфози он хушояндаву машҳурулистемол бошад; ва таркиби он дарҳамбаставу латиф бошад; ва маонии он мақбул бошаду забонзадаи мардум нашуда бошад; ва ҳарчи аз саноеъ дар он ба кор бурда бошанд, бар ваҷҳе камол бошад; ва дар фаҳми калому ҳусни адо ба воситаи он қусуре падид нашуда бошад; ва аз ҳарфу алфози зоида ва тағйири алфоз, ки қудамо ба ҷиҳати шеър зоид доштаанд, муарро бошад - монанди ин байти ҳазрати худовандкорӣ (яьне: Навоӣ - Р.М.).

*Оташин лаьле, ки тоҷи хисравонро зевар аст,*
*Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.*

Ва аксари абёти ин қасида ҳамчунин воқеъ шуда”.[31]

Ҳамон навъе ки маълум мегардад, Атоулло дар зимни тафсири матбуъ муҳимтарин талаботи процесси эҷоди асарҳои лирикӣ, чунончи, вазну қофияи дуруст, калимаҳои гушнавозу фаҳмо, ибораҳои равону санъатҳои латиф, образҳои тозаю тарзи баёни нозук, хуллас, мутобиқат за мувофиқати томмаи мундариҷаю шаклро бо ҳавсала ва қатъият баён намудааст.

Дар қисмати “Фарҳанг”-и “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” ва “Дақоиқ-уш-шеър” истилоҳи номбурда умуман дида намешавад. Аммо Шамси Қайс матбуьро муфассал шарҳ надода, чигунагии шеъри некро (ба кавли Шамси Қайс) таъкид намудааст, ки он ин аст: “Шеъри матбуъ - он бошад, ки насре балеғ ва назме бадеъ дорад; ва қавофии он дурусту маонӣ латиф ва алфоз азб бувад, ва ҳуруфи калимоти он мушкил набувад; ва таҷнисоти он мутакаррару саноoти он мутакаллаф набошад; ва бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғат-ул-фурс ва мусталиҳоти ҳар вилоят пок бошад; ва калимоти арабӣ, ки дар муҳовироти порсигуён наёяд, дар он мустаъмал набувад ва аз ҳуруфи завоиду ҳашвҳои қабеҳ, ки ҷиҳати анбориши байт истеьмол кунанд ва аз тағйироти алфоз, ки қудамо

---

[29] Чунончи, насиб (1 байт), ташбиб (1 байт), мамдуд (3 байт) ва ғ. (ниг.: “Дақоиқ-уш-шеър”, саҳ. 84-85).
[30] Ниг.: “Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашьор”, нусхаи рақами 794, вар. 4б-5б.
[31] Бадоеъ-ус-саноеь, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 365-366.

зарурати онро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунудан осону ба гуфтан душвор бувад…”.[32]

Ҳамон навъе ки аз қиёси гуфтаҳои Атоулло бо суханони Шамси Қайс бармеояд, муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” асари донишманди пешинро мавриди истифодаи васеъ қарор дода, ақидаҳои уро қисман такмил додааст.

Тафсири Кошифӣ назар ба эзоҳоти Шамси Қайс хеле мухтасар ва содда буда, он танҳо як хусусияти асосӣ - вазни шеъри матбуъро дарбар мегирад, чунончи, “**Матбуъ** – аз ашъор он аст, ки бар вазни дилпазир гуфта шавад, чунончи, тибои салима, онро ба қабул талаққӣ намоянд”.[33] Ин муаллиф асоси шеъри номатбуъро низ дар вазн дидааст. “Ва он чи, – менависад у, - бар вазне сақил ва баҳре ғайримулоим гуянд, онро номатбуъ хонанд”.[34] Зоҳир аст, ки дар таърифоти Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамаи шарт ва талаботи шеъри матбуъ зикр нагардидааст.

4. Аз баъзе иқтибосҳои дар боло дар мавридҳои гуногун (чунончи, ҳангоми мулоҳизаи насиб, ғазал) овардашуда мушоҳида мешавад, ки Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ фикрҳои пешгузаштагони худро доир ба ин ё он масъала, ботафсил нақл намуда, пас, баҳо ва муносибаташро нисбат ба он гуфтааст. Ин ҷо барои равшантар шудани сурати воқеа шарҳи адабиётшиносонро дар бораи истилоҳи мусарраъ аз назар гузаронидан мумкин аст.

Рашиди Ватвот истилоҳи мазкурро мухтасаран ба тариқи зайл шарҳ додааст: “**Мусарраъ** – байтеро гуянд, ки ҳар ду мисраъ қофият нигоҳ дошта ояд, чунонки абёти сарҳои қасоид бувад”.[35]

Тоҷ ал-Ҳаловӣ дар бораи истилоҳи мазкур таваққуф нанамудааст.

Муаллифи “Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам” роҷеъ ба мусарраъ назар ба Рашиди Ватвот андаке муфассалтар дахл кардааст,[36] поёнтар равшан хохад гашт.

Шарҳи Ҳусайн Воизи Кошифӣ бағоят мухтасар буда, он ба тафсири Рашиди Ватвот наздик аст. “**Мусарраъ -** байтеро гуянд, ки, - навиштааст ин муаллиф, - ҳар ду мисраи у қофия дошта бошад”.[37]

Эзоҳу тафсири мусарраъ дар “Бадоеъ-ус-саноеъ” хеле батафсил омадааст. “Мусарраъ, - менависад Атоулло, - байтеро гуянд, ки ҳарду мисраи у қофия дошта бошад, монанди абёти авоили қасоид. Ва мешояд, ки дар як қасида чанд ҷо абёти мусарраъ оранд ва ҳар якро аз онҳо матлае мегуянд агарчи, филҳақиқат, матлаъ байти аввал аст”.[38] Баъд аз чунин тафсир Атоулло фикри Шамси Қайсро доир ба ин масъала нақл мекунад: “Ва Шамси Қайс гуфта, ки мусарраъ байте бошад, ки арӯзу зарби он (яъне, калимаҳои охирини мисраъҳо - Р.М.) дар вазну ҳуруфи қофия муттафиқ бошанд”.[39] “Аммо, - мегуяд Атоулло ба суханони мазкури Шамси Қайс эрод гирифта, - ин хилофи машҳур аст. Ва худ низ чизе

[32] Ал-муьҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 438-439.
[33] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашьор, нусхаи рақами 2519/1, вар. 4а.
[34] Ҳамон ҷо, вар. 4а.
[35] Ҳадоиқ-ус-сехр фӣ дақоиқ-уш-шеъ符, саҳ. 705.
[36] Ал-муъҷам фи маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 419.
[37] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеь-ул ашъор, нусхаи рақами 2519/1, вар. 5а.
[38] Бадоеъ-ус-саноеь, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 362.
[39] Ҳамон ҷо. Инчунин, ниг.: “Ал-муьҷам фӣ маоири ашьор-ил-Аҷам”, саҳ. 419.

гуфта, ки бар хилофи он далолат мекунад; чи гуфта, ки: дар қасоиди порсӣ тасреи матолеъ лозим аст ва ҳар касида, ки матлаи он мусарраъ набошад, агарчи дароз бувад, онро қитъа хонанд. Ва ҳамчунин дар рубоиёт тасреи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни у ва муқаттаоти дигар".[40] Пас аз нишон додани асли воқеа Атоулло саҳви Шамси Қайсро дар бораи зарур набудани таъкиди ҳамвазнии калимахои қофияшаванда равшан мекунад. У мегуяд: "Ва зоҳир аст, ки он чи дар матолеи қасоид ва байти аввали рубоӣ лозим аст, ҳамчунин иттифок, дар қофия асту бас ва иттифоқ дар вазнро ҳеч кас лозим надошта".[41]

Зимнан, бояд гуфт, ки муаллифи "Бадоеъ-ус-саноеъ" маънои луғавии мусарраъро низ шарҳ додааст, ки ин барои хонандагон аҳамият дорад. "Ва тасреъ дар луғат, - мегуяд у, - дари дулахт сохтан аст ва мусарраъ дари дулахт аст. Ва ҳар гоҳ, ки ҳар ду мисраи байт мувофиқ бошанд дар қофия, шак нест, ки мушобиҳати байт ба дари дулахт атамм ва акмал мешавад. Пас, бино бар он, байти мазкурро мусарраъ ном кардаанд".[42] Дар асарҳои Рашиди Ватвот, Шамси Қайс ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ шарҳи маънои луғавии аксари калимаҳо, аз ҷумла, мусарраъ вонамехурад.

5. Атоулло зимни тафсири баъзе истилоҳҳои адабиётшиносӣ, чунончи, ҷазолат, салосат ва ғ. хусусиятҳои жанрӣ ва ҷинсии қасида, қитъа, маснавӣ, рубоӣ барин жанрҳои шеъриро мухтасаран баён намудааст, ки ин ҳолат, аз як тараф, барои таҳқиқи афкори адабиётшиносӣ-эстетикии муаллиф аҳамият дошта бошад, аз тарафи дигар, дар омузиши сайри таърихии жанрҳои шеърии номбаршуда қимати муайянеро дорост. Чунончи, дар хусуси ҷазолат муаллиф менависад, ки "он аст, ки алфоз ва таркиби шеър маҳкаму қавӣ бошад, чунонки дар қасоиди Заҳиру Анварӣ ва Камол Исмоилу амсоли эшон воқеъ шуда".[43] "Ва тариқи қасида, - мегуяд у боз, – ва қитъаи тавил (китъаи сюжетдор? - Р.М.) ин аст…".[44] Ё худ, дар бораи салосат у мегуяд, ки "он аст: ки алфози шеър нозук бошаду таркиби он равону хушоянда, чунонки дар ғазалҳои ҳазрати устодӣ аршоди мобӣ хуҷастафарри Ҷомӣ ва Амир Шоҳӣ воқеъ шуда... Ва тариқи ғазалу маснавӣ ва қитъаи касиру рубоӣ ин аст …".[45]

Ҳамин навъ кушишро дар самти муайян сохтани қонунияти баъзе анвои шеърӣ дар асарҳои Шамси Қайси Розӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ як андоза мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ин тариқ, гуфтан мумкин аст, дар асрҳои X-XV дар масъалаи шарҳу эзоҳи баъзе истилоҳҳои мураккаби адабиётшиносӣ аз тарафи муҳаққиқони тоҷику форс кушише ва ҷидду ҷаҳде ба миён омада ва он торафт такомул ёфта будааст. Агар Рашиди Ватвот бори аввал ташаббус нишон дода, бо номбар намудан ва шарҳи хеле мухтасари чанде истилоҳоти адабиётшиносӣ қаноат карда бошад, Шамси Қайс онро такмил додааст ва Кошифиву Атоулло дар ин масъала боз қадами ҷиддитаре бардоштаанд, зеро эзоҳҳои онҳо, махсусан Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ нисбатан муфассал ва ҳаматарафа мебошанд. Ин "фарҳанг" дар

---

[40] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 362-363.
[41] Ҳамон ҷо, саҳ. 363.
[42] Ҳамон ҷо.
[43] Ҳамон ҷо, саҳ. 367.
[44] Ҳамон ҷо.
[45] Ҳамон ҷо.

омузиши таърихи ташаккул ва такомули истилоҳоти адабиётшиносӣ, жанрҳои адабӣ, таҳқиқи таърихи илми адабиётшиносӣ, барои таҳияи фарҳанги илмии таърихии истилоҳот, дар муайян намудани дараҷаи донишу маҳорат, завқи адабию эстетикии муаллифонашон ва як қатор масъалаҳои дигари илмӣ ва амалӣ қимату аҳамияти калоне доранд.

Унверситети давлатии Тоҷикистон
ба номи В.И. Ленин июли 1974

Р. МУСУЛЬМАНКУЛОВ

## К ВОПРОСУ ОБ ИНТЕРПРЕТАЦИИ ЛИТЕРАТУРОВЕДЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИМИ АВТОРАМИ X-XV ВВ.

Первые попытки составления толкового словаря литературоведческих терминов относятся к далекой древности. Комментировались литературоведческие термины в основном в толковых словарях таджикского языка; в литературно-критических работах, посвященных вопросам рифмы, аруза, поэтическим фигурам и т.п.; в специально выделенных разделах поэтических трактатов.

Эта последняя форма комментирования литературоведческой терминологии и рассматривается в статье. По мнению автора, основоположником именно такого принципа интерпретации литературоведческих терминов в таджикско-персидском литературоведении является Рашиди Ватвот (XIII), традиции которого были продолжены и творчески развиты Шамси Кайсом, Тодж ал-Халови и в особенности Кошифи и Атоулло.

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР,
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК, № 1 (87), 1977 г.

Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ

# РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТИ АДАБИЁТШИНОСӢ ДАР АСРҲОИ X—XV

Дар ёдгориҳои хаттии асрҳои X—XV тафсири истилоҳоти адабиётшиносӣ бо якчанд роҳ ҷараён ёфтааст ва он сарчашмаҳоро мувофиқи равияву тарзи тавзеҳи истилоҳот ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

I. Асарҳои ба илмҳои арӯз, бадеъ ва қофия бахшидашуда. Як гурӯҳ адабиётшиносон, аз қабили Умари Родуёнӣ («Тарҷумон-ул-балоғат»), Рашиди Ватвот («Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»), Насириддини Тӯсӣ («Меъёр-ул-ашъор»), Шарафиддини Ромӣ («Ҳақоиқ-ул-ҳадоиқ»), Тоҷ ал-Ҳаловӣ («Дақоиқ-уш-шеър»), Хусрави Деҳлавӣ («Эъҷози Хусравӣ») ва дигарон дар зимни шарҳу эзоҳи санъатҳои бадеӣ, қонунҳои арӯз, қофия ва амсоли инҳо чи маънои луғавӣ ва чи маънии истилоҳии як қатор истилоҳоти адабиётшиносиро аз рӯи ҷаҳонбинӣ, донишу қудрат ва таҷрибаи эҷодии замони худ тафсир кардаанд.

II. Фарҳанг, тазкира ва дигар сарчашмаҳои адабӣ, илмӣ ва ғайра (ҳамчун «Луғати Фурс», «Ҳафт қулзум», «Ғиёс-ул-луғот», «Чаҳор мақола», «Қобуснома», «Лубоб-ул-албоб» ва амсоли инҳо), ки дар онҳо низ зимни сухан қисме аз истилоҳоти адабиётшиносӣ шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

III. Қисматҳои махсусе, ки адабиётшиносон дар асарҳои худ роҷеъ ба истилоҳоти адабиётшиносӣ бахшидаанд. Ин ҷо иҷмолан оид ба ҳамин хусус таваққуф хоҳад шуд.

Бояд гуфт, ки то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, аз ҷумла дар асрҳои X—XV, адабиётшиносон масъалаи мазкурро мавриди тахқиқи махсус ва ҷиддии илмӣ қарор надодаанд ва асарҳои алоҳида оид ба истилоҳот ҳам таълиф нанамудаанд. Аммо, ҳамон навъе ки ишора рафт, баъзе адабиётшиносон, ҳамчун Рашиди Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Хусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Махмуди Ҳусайнӣ ва дигарон дар қисме аз асарҳои худ ба тафсири баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ пардохтаанд.

Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» зери унвони «Алфозе ки дар забони аҳли ин саноат афтодааст ва аз мусталиҳоти эшон шуда, берун аз он чи ёд кардем» фасле кушода, дар он истилоҳҳои мадҳ (мадеҳ, мидҳат), ҳаҷв (ҳиҷо), ташбиб (насиб, ғазал), мусарраъ, хасӣ, тарҷеъ, акс, мукаррар, мутанофир, муталоим, иртиҷол, равият (фикрат, бадеҳа), ҷазолат, салосат ва саҳлу мумтанеъро хеле мухтасар, бо як-ду сухан шарҳ медиҳад,[1] ки ин ташаббуси ӯ дар адабиётшиносии тоҷику форс, агар хато накунем, нахустин мебошад.[2]

---

[1] Рашидаддини Ватвот. Девон, бо муқаддима ва муқобала ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ, бо китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» аз рӯи чопи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1339, саҳ. 705—707.

[2] Муҳаққиқи муосири тоҷик Абдунабӣ Сатторов қисмати истилоҳоти рисолаи Атоулло Махмуди Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро намунаи нахустин донистааст. (Ниг.: А. Сатторов, Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои X—XV), Душанбе, 1972, саҳ. 144 (дастнависи диссертацияи номзадӣ).

Шамси Қайси Розӣ дар охири боби шашуми қисми дуюми «Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» мадҳ, ҳаҷв, хасӣ, мукаррар, тарҷеъ, акс, мутанофир, муталоим барин истилоҳҳои нисбатан маълум ва ё дар бобҳои пешини рисолаи мазкур шарҳёфтаро аз рӯйхат хориҷ намуда, ба он рубоӣ, муздаваҷ, муқаффо, маҳдуд, байт-ул-қасида, луғз, муаммо, мутакаллаф ва матбӯъро илова намудааст, ки ҳамагӣ аз 14 истилоҳ иборат мебошанд.[3] Ин муаллиф, агар, аз як тараф, ба масъалаи интихоби истилоҳоти тафсиршаванда диққат диҳад, аз тарафи дигар, шарҳу эзоҳи онҳоро нисбатан пурқувват ва муфассалтар менамояд, ки ин масъала дар поёнтар равшан хоҳад гашт.

Дар «Дақоиқ-уш-шеър»-и Тоҷ ал-Ҳаловӣ роҷеъ ба баёни истилоҳоти адабиётшиносӣ фасли махсусе мавҷуд набошад ҳам, дар қисмати «Аҷноси шеър ва анвои назм» чанд «луғоте, ки мусталеҳ ва мутадовили асҳоби ин илм ва арбоби ин фан» мебошанд, шарҳу эзоҳ ёфтаанд.[4]

Ҳусайн Воизи Қошифӣ дар фасли чаҳорум («Дар зикри баъзе алфоз, ки мустаъмал ва мутадовили ин тоифа аст»)-и «Муқаддима»-и асари худ эҷоз, баст, мусовот, матлаъ, мақтаъ, мусарраъ, байт, назм, наср, насиб, ташбиб, байт-ул-қасида, мутаворид, дуои таъбид ва дар «Фоида» («Дар зикри алфозе, ки дар анвои шеър истеъмол меёбад») тавҳид, наът, мунқибат, мавъиза, асрор, мадҳу мидҳат, ҳаҷву ҳиҷо, ҷид, ҳазл, мутоиба, марсия, мунозира, хамриёт ва қасамиётро шарҳу эзоҳ додааст,[5] ки ин ҳолат чи барои хонандагони замони муаллиф ва минбаъда ва чи барои муҳаққиқони афкори назарии эстетикии халқҳои тоҷик ва форс дорои қимати муайяне мебошад.

Дар масъалаи тафсири истилоҳҳои адабиётшиносӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳам диққати махсус додааст ва «Баҳс»-и дуюми «Хотима»-и «Бадоеъ-ус-саноеъ»-ро ба он бахшидааст. Муносибати Атоулло дар ин боб дорои чанд хусусияти хос мебошад, ки онро аз назар хоҳем гузаронд.

1. Азбаски истилоҳҳои луғз, муаммо, тарҷеъ, акс, мукаррар, мутанофир, муталоим ва ғайра дар се «Санъат» (яъне, боб) ва «Баҳс»-и аввали «Хотима»-и асар баён ёфта буданд, аз қисмати «Фарҳанг» (шартан ҳамин тавр хоҳем номид) хориҷ карда мешаванд. Атоулло ба ҷои истилоҳҳои номбаршуда мадҳ, ҳаҷв, салосат, байт-ул-қасида барин истилоҳҳоро, ки дар матни асар шарҳ наёфта буданд, ба он дохил намуда, миқдори истилоҳҳоро ба 15 мерасонад.[6]

2. Атоулло тақрибан ҳамаи истилоҳҳоро нисбат ба Рашиди Ватвот, Шамси Қайс, Тоҷ ал-Ҳаловӣ ва дигарон муфассалу мукаммалтар шарҳ медиҳад. Масалан, истилоҳҳои ташбиб, насиб ва ғазалро Ватвот хеле мухтасар, бо як ҷумла ба ин минвол эзоҳ додааст ва дар миёни онҳо тафриқа нагузоштааст: «**Ташбиб** — сифати ҳоли маъшуқ ва ҳоли хеш дар ишқи ӯ гуфтан бошад; ва инро насиб ва ғазал низ хонанд, аммо машҳури мустаъмал он аст, ки дар миёни мардум сифати ҳарчи кунанд

---

[3] Шамсиддин ибни Муҳаммад Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, бо муқобала бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударрис Ризавӣ Теҳрон, 1338, саҳ. 412—444.

[4] Ниг.; Алӣ ибни Муҳаммад ал-муштаҳир ба Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Дақоиқ-уш-шеър, ба тасҳеҳ ва бо ҳавошӣ ва ёддоштҳои Сайид Муҳаммад Козим Имом. Теҳрон, 1341, саҳ. 81—102.

[5] Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, дастнависи рақами 2519/1 Институти шарқшиносии ба номи Беруниии АИ РСС Ӯзбекистон, вар. 4б—6б.

[6] Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ, дастнависи раками КП-3351, Музеи давлатии таърихи маданият ва санъати Самарқанд, саҳ. 360—368. Роҷеъ ба ин қисмати «Бадоеъ-ус-саноеъ» Абдунабӣ Сатторов мақолаи махсус низ таълиф намудааст. Ниг.: Ганҷи бостонии сухан. «Маориф ва маданият», 1966, 19 ноябрь.

дар аввали шеър ва ҳар ҳолеро, ки шарҳ диҳанд, илло мадҳи мамдӯҳ, онро ташбиб хонанд».[7]

Аммо шарҳи Шамси Қайс дар хусуси истилоҳҳои номбаршуда назар ба тафсири Рашиди Ватвот васеътар мебошад ва фикри ӯро ҳарҷониба такмил медиҳад. Ӯ насиб, ташбиб ва ғазалро як андоза пурра шарҳ дода, барои нишон додани хусусиятҳои ҳар яки онҳо як андоза ҷаҳд менамояд.[8] Назар ба қавли Шамси Қайс «ҷуз ағзолро насиб нахонанд ва ҳар муқаддимае, ки дар оғози амсала ва маношир ва соири мактуботи мутарассилон мунсоқ бувад ба мақсуде, онро ташбиби сухан гӯянд; «ва ғазал дар асли луғат—ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон ва таҳолик дар дӯстии эшон аст».[9]

Тавзеҳоти Тоҷ ал-Ҳаловӣ, ки низ тахминан аз суханшиносони асри XIII мебошад,[10] ба ақоиди Шамси Қайс қариб аст. Чунончи, дар «Дақоиқ-уш-шеър» низ гуфта шудааст, ки «насиб ҷуз ағзолро нагӯянд».[11]

Аз ваҷҳи таърифи ташбиб ҳам байни Шамси Қайс ва Тоҷ ал-Ҳаловӣ қаробат мушоҳида карда мешавад. Чунончи, Тоҷ ал-Ҳаловӣ менависад, ки «ташбиб—сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир бувад, ки дар авоили қасоид эрод кунад».[12] Дар «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» низ гуфта шудааст, ки «ташбиб—ғазале бошад, ки сурати воқеа ва ҳасби ҳоли шоир бувад».[13]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳудуди ин истилоҳотро боз ҳам равшантар намуда, онҳоро алоҳида-алоҳида шарҳ додааст. Мувофиқи гуфтаи ин муаллиф насиб «ғазалеро гӯянд, ки шоир онро муқаддимаи мақсуди хеш созад, то ба сабаби майле, ки бештар нуфусро ба истимои аҳволи муҳиббу маҳбуб ва авсофи муғозилати ошиқу маъшуқ мебошад, табъи мамдӯҳ ба шунидани он рағбат намояд ва ҳавосси вай аз дигар шавоғил боз ояд ва ба-дин восита он чи мақсуди қасида аст, ба хотири муҷтамеъ ва нафси мутмаин идрок кунад ва мавқеи ӯ наздики вай мустаҳсан афтад».[14]

Мусаннифи асари мазкур дар моддаи «ташбиб» мегӯяд, ки «дар истилоҳ он аст, ки шоир пеш аз шурӯъ дар мадҳ сурати воқеа ва ҳасби ҳоли худро зикр кунад ва ҳар чи муштамил бошад бар шикояти фироқ ва шарҳи иштиёқ ва васфи итлолу даман ва азҳору чаман ва васфи шабу рӯз ва иду наврӯз ва таърифи хазону баҳор ва тавсифи масокину диёр ва қиссаи вақоеи замон ва ғуссаи ҳаводиси даврон — маҷмӯъро ташбиб гӯянд».[15] Кошифӣ ба ин ҳолат ҳам ишора кардааст, ки насибу ташбиб дар назари донишмандони пешин бетафовут аст. «Ва баъзе шуаро, — мегӯяд ӯ, — миёни ташбибу насиб фарқ накардаанд. Ва он чи дар авоили қасоид бар мақсуди шеър тақдим ёбад, ҷумларо насиб ва ташбиб хондаанд».[16] Муаллифи «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» дуруст пай бурдааст, ки «тоифае насибро хос кардаанд ба

[7] Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър, саҳ. 705.

[8] Дар бораи тафсили ин масъала мурочиат шавад ба рисолаи академик А. М. Мирзоев. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X—XV. Сталинобод, 1957, саҳ. 23—31.

[9] Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 414—415.

[10] Замони зиндагии Тоҷ ал-Ҳаловӣ маълум нест, аммо Саййид Муҳаммад Қозим Имом тахмин мекунад, ки ӯ дар асри VII ҳиҷрӣ умр ба сар бурдааст. (руҷӯъ шавад ба муқаддимаи «Дақоиқ-уш-шеър», чопи мазкур, саҳ. як—чаҳор). А. Сатторов (дар саҳ. 147 диссертацияи мазкур) Тоҷ ал-Ҳаловиро намояндаи асри XIV тахмин кардааст.

[11] Дақоиқ-уш-шеър, саҳ. 84.

[12] Ҳамон ҷо, саҳ. 85.

[13] Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 413.

[14] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор. Дастнависи рақами 749, Китобхонаи Университети Кембриҷ, вар. 13б.

[15] Ҳамон ҷо, вар. 13б — 14а.

[16] Ҳамон ҷо, вар. 14а.

матолеъ ва манзумот ва ташбибро ба мубодии маншурот».[17] Ҳамон навъе ки бармеояд, Ҳусайн Воизи Қошифӣ тафовути истилоҳҳои мазкурро зиёда аз ин равшантару возеҳтар баён накардааст.

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ бошад, ташбиб, насиб ва ғазалро аз ҳамдигар ҷудо намуда, онҳоро ботафсил маънидод кардааст ва гуфтан мумкин аст, ки ӯ афкори адабиётшиносонро оид ба ин масъала аз рӯи донишу маҳорати худ ҷамъбаст намудааст.

Тавсифи истилоҳи ташбиб аз нуқтаи назари Атоулло чунин аст: «**Ташбиб** — дар луғат сифати ҷамоли зан ва ҳоли худ дар ишқ гуфтан аст ва ҳар он кас, ки шеър аз барои ӯ гӯянд».[18] Пас, Атоулло ба донишмандони араб мансуб будани ин истилоҳ ва чигунагии онро ин тариқа баён кардааст: «Ва чун фусаҳои араб, ки возеи ин лафзанд, дар аввали ашъор аксар авқот сифати ҷамоли занон ва ҳоли худ дар ишқ бо эшон баён мекардаанд, онро ташбиб ном кардаанд».[19]

Дар хусуси **насиб** Атоулло аввалан менависад, ки он «дар луғат ба маънии ташбиб аст» ва пас фикри Аллома Қутбиддини Шерозиро зикр менамояд. «Ва дар истилоҳ, — менависад соҳиби китоб, — Аллома гуфта: каломест, ки далолат кунад бар муҳаббати маҳбубон аз зикри аҳлоқи эшон ва аҳволи тасаррӯфи ишқу муҳаббати эшон; ва дохил аст дар ин изҳори шавқ ва ёд кардани манозили дӯстон ва баёни таъбири он ба амтору риёҳ ва мисли он».[20] Атоулло баъди овардани суханони мазкури Қутбиддини Шерозӣ ва фикри Шамси Қайс менависад, ки «Пас, маълум шуд, ки ӯ (Шамси Қайс. — *Р. М.*) ташбибро аам дошта аз насиб»[21] ва ин фикрро тасдиқ менамояд, ки ташбибу насиб аз ҳамдигар фарқ доранд.

Атоулло зимнан ду истилоҳи дигарро низ хеле мухтасар шарҳ медиҳад, ки онҳо маҳдуд (шеъри «боздоштташуда аз насиб») ва мунтазаб[22] (шеъри «бозбурида аз насиб») мебошанд.

Шарҳи Атоулло дар бораи ғазал низ ҳаматарафа ва нисбатан мукаммал мебошад, зеро муаллиф барои эзоҳи маъниҳои луғавӣ ва истилоҳии он кӯшида, баъзе хусусиятҳои жанриашро ишора кардааст. Чунончӣ, ӯ навиштааст: «**Ғазал** — дар луғат дӯст доштани ҳадис аст бо занон; ва дар истилоҳ — зикри ҷамоли маъшуқ ва васфи аҳволи ишқу муҳаббат аст».[23] Муаллиф дар масъалаи шарҳи ғазал ҳам фикри Қутбиддини Шерозиро баён намудааст. «Аллома гуфта, ки гоҳе эҳтиёҷ меафтад, дар ғазал ба зикри карам ва шуҷоат, то майл кунад дили маҳбуб ба он. Ва аз ин маълум мешавад, ки, — суханашро давом медиҳад Атоулло, — зикри онҳо бар ғарази мазкур аз қабили ғазал аст. Пас, қиёс бар он зикри шароб ва аҳволи мастиро бинобар ҳамон ғараз дохили ғазал метавон дошт. Ва он ки мутааххирон инро ҳам аз қабили ғазал медоранд, ғолибан бар он аст, агарчи эҳтимол дорад, ки истилоҳ ҷадид бошад».[24] Бояд қайд кард, ки Қошифӣ низ ғазалро жанри мустақил диниста, онро дар фасли дуюм («Дар бораи анвои шеър»)-и «Муқаддима» эзоҳ додааст.[25]

Ҷолиби диққат аст, ки аз се нусхаи дастнависи дастраси «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар дутояш — нусхаи Музеи давлатии таърихии санъат ва маданияти Самарқанд[26] ва нусхаи Шӯъбаи Ленинградии Институти

---

[17] Ҳамон ҷо.
[18] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 360.
[19] Ҳамон ҷо.
[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 360—361.
[21] Ҳамон ҷо, саҳ. 361.
[22] Дар «Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» (саҳ. 415) — «муқтазаб».
[23] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 361—362.
[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 362.
[25] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, нусхаи рақами 794, вар. 5а—5б.
[26] Яъне, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 361.

шарқшиносии АИ СССР[27] дар рости шарҳи истилоҳи ғазал қайди ҳошиявие мавҷуд аст, ки дар он гуфта мешавад: «Бидон, ки мутаориф ва машҳур он аст, ки ғазалро дар аввали қасида оранд. Ва қудамо гоҳе дар охир меовардаанд, чунонки Фалакӣ гуфтааст» ва пас ду байт шеър зикр меёбад, ки он дар «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» низ дида мешавад.[28] Ин қайди ҷузъӣ, бешубҳа, дар омӯзиши сайри таърихӣ ва такомулоти жанри лирикии ғазал аҳамияти маълумеро соҳиб мебошад.

3. Азбаски Рашиди Ватвот дар тавзеҳи истилоҳҳо ботафсил сухан намеронад, барои исботи ин ё он фикри худ далели назарӣ ва мисоли бадеӣ ҳам намеоварад. Аммо равияи Шамси Қайс дар ин масъала тамоман дигар аст, зеро ӯ барои тасдиқи фикри худ ва равшан намудани асли мақсад аз мисолҳои адабӣ ба тарзи фаровон фоида мебарад, чунончи, ӯ танҳо барои шарҳи насиб, ташбиб ва ғазал даҳ порча шеър мисол меорад, ки онҳо ҳамагӣ 37 байтро ташкил медиҳанд. Намунаҳои аз осори Рӯдакӣ, Абулфараҷ, Анварӣ, Муиззӣ, Хоқонӣ ва дигарон овардаи Шамси Қайс, аз як тараф, барои беҳтар, аёнӣ дарк намудани ақидаи соҳиби асар кӯмак расонанд, аз тарафи дигар, барои омӯзиши таърихи адабиёт аз аҳамият холӣ намебошанд. Бояд ишора намуд, ки ин муаллиф бо доираи таърихи адабиёти тоҷику форс маҳдуд нашуда, ба баъзе ҳолат ва ҳодисаҳои адабии араб ҳам истинод мекунад. Масалан, ӯ дар зимни тавзеҳи ташбиб хусусияти осори лирикии Қусаййар, Қайс, Зареҳ, Маҷнун бани Омир барин шоирони арабизабонро нишон додааст.

Фасли истилоҳот дар «Дақоиқ-уш-шеър» хеле мӯъҷазу мухтасар бошад ҳам, дар он баъзе моддаҳо бо як ё якчанд мисол пурқувват карда шудаанд.[29] Тафсири Қошифӣ нисбатан муфассалтар буда, муаллиф барои тақвияти фикри назарии худ гоҳе мисолҳо ҳам меорад, ки инро дар моддаҳои эҷоз (1 байт), баст (2 байт), мусовот (1 байт), дуои таъбид (2 байт) ва ғайра дучор меоем.[30]

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ, аз як тараф, дар бораи ин ё он истилоҳ ботафсил сухан ронда, фикри дигаронро нишон диҳад, аз тарафи дигар, ақидаи худро бо далелу ҳуҷҷатҳо ба субут мерасонад, ки инро дар аснои мутолиаи истилоҳҳои муҷаммаъ, матбӯъ ва ғайра мушоҳида намудан мумкин аст. Чуночи, ӯ дар бораи матбӯъ навиштаст:

**«Матбӯъ** — шеъреро гӯянд, ки бинои ин бар вазни мақбули тибои салима ва қофияи дуруст ниҳода бошанд; ва алфози он хушояндаву машҳурулистемол бошад; ва таркиби он дарҳамбаставу латиф бошад; ва маонии он мақбул бошаду забонзадаи мардум нашуда бошад; ва ҳарчи аз саноеъ дар он ба кор бурда бошанд, бар ваҷҳе камол бошад; ва дар фаҳми каломи ҳусни адо ба воситаи он кусуре падид нашуда бошад; ва аз ҳарфу алфози зоида ва тағйири алфоз, ки қудамо ба ҷиҳати шеър зоид доштаанд, муарро башад — монанди ин байти ҳазрати худовандкорӣ (яъне: Навоӣ. — *Р. М.*).

Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ва аксари абьёти ин қасида ҳамчунин вокеъ шуда».[31]

Ҳамон навъе ки маълум мегардад, Атоулло дар зимни тафсири матбӯъ муҳимтарин талаботи процесси эҷоди асарҳои лирикӣ, чунончи,

---

[27] Нусхаи рақами В-3760, вар. 172б.
[28] Ниг.; «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам», саҳ. 421.
[29] Чунончи, насиб (1 байт), ташбиб (1 байт), мамдуд (3 байт) ва ғайра (ниг.; «Дақоиқ-уш-шеър», саҳ. 84—85).
[30] Ниг.: «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор», нусхаи рақами 794, вар. 4б—5б.
[31] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 365—366.

вазну қофияи дуруст, калимаҳои гӯшнавозу фаҳмо, иboраҳои равону санъатҳои латиф, образҳои тозаю тарзи баёни нозук, хуллас, мутобиқат ва мувофикати томмаи мундаричаю шаклро бо ҳавсала ва қатъият баён намудааст.

Дар қисмати «Фарҳанг»-и «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» ва «Дақоиқ-уш-шеър» истилоҳи номбурда умуман дида намешавад. Аммо Шамси Қайс матбӯъро муфассал шарҳ надода, чигунагии шеъри некро (ба қавли Шамси Қайс) таъкид намудааст, ки он ин аст: «Шеъри матбӯъ — он бошад, ки насре балеғ ва назме бадеъ дорад; ва қавофии он дурусту маонӣ латиф ва алфоз азб бувад; ва ҳуруфи калимоти он мушкил набувад; ва таҷнисоти он мутакаррару саноотн он мутакаллаф набошад; ва бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғат-ул-фурс ва мусталиҳоти ҳар вилоят пок бошад; ва калимоти арабӣ, ки дар муҳовироти порсигӯён наёяд, дар он мустаъмал набувад ва аз ҳуруфи завоиду ҳашвҳои қабеҳ ки ҷиҳати анбориши байт истеъмол кунанд ва аз тағьироти алфоз, ки қудамо зарурати онро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунудан осону ба гуфтан душвор бувад...»[32]

Ҳамон навъе ки аз қиёси гуфтаҳои Атоулло бо суханони Шамси Қайс бармеояд, муаллифи «Бадоеъ-ус-саноеъ» асари донишманди пешинро мавриди истифода васеъ қарор дода, ақидаҳои ӯро қисман такмил додааст.

Тафсири Қошифӣ назар ба эзоҳоти Шамси Қайс хеле мухтасар ва содда буда, он танҳо як хусусияти асосӣ — вазни шеъри матбӯъро дарбар мегирад, чунончи, **«Матбӯъ** — аз ашъор он аст, ки бар вазни дилпазир гуфта шавад, чунончи, тибои салима онро ба қабул талаққӣ намоянд».[33] Ин муаллиф асоси шеъри номатбӯъро низ дар вазн дидааст. «Ва он чи, — менависад ӯ, — бар вазне сақил ва баҳре ғайримулоим гӯянд, онро номатбӯъ хонанд».[34] Зоҳир аст, ки дар таърифоти Ҳусайн Воизи Қошифӣ ҳамаи шарт ва талаботи шеъри матбӯъ зикр нагардидааст.

4. Аз баъзе иқтибосҳои дар боло дар мавридҳои гунотун (чунончи, ҳангоми мулоҳизаи насиб, ғазал) овардашуда мушоҳида мешавад, ки Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ фикрҳои пешгузаштагони худро доир ба ин ё он масъала ботафсил нақл намуда, пас, баҳо ва муносибаташро нисбат ба он гуфтааст. Ин ҷо барои равшантар шудани сурати вокеа шарҳи адабиётшиносонро дар бораи истилоҳи мусарраъ аз назар гузаронидан мумкин аст.

Рашиди Ватвот истилоҳи мазкурро мухтасаран ба тариқи зайл шарҳ додааст: **«Мусарраъ** — байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраъ қофият нигоҳ дошта ояд, чунонки абьёти сарҳои қасоид бувад».[35]

Тоҷ ал-Ҳаловӣ дар бораи истилоҳи мазкур таваққуф нанамудааст.

Муаллифи «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам» роҷеъ ба мусарраъ назар ба Рашиди Ватвот андаке муфассалтар дахл кардааст,[36] ки дар поёнтар равшан хоҳад гашт.

Шарҳи Ҳусайн Воизи Қошифӣ бағоят мухтасар буда, он ба тафсири Рашиди Ватвот наздик аст. **«Мусарраъ** — байтеро гӯянд, ки, — навиштааст ин муаллиф, — ҳар ду мисраи ӯ қофия дошта бошад».[37]

Эзоҳу тафсири мусарраъ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» хеле батафсил омадааст. «Мусарраъ, — менависад Атоулло, — байтеро гӯянд, ки ҳар

---

[32] Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 438—439.
[33] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, нусхаи ракамн 2519/1, вар. 4а.
[34] Ҳамон ҷо.
[35] Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър, саҳ, 705.
[36] Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам, саҳ. 419.
[37] Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор, нусхаи рақами 2519/1, вар, 5а.

ду мисраи ӯ қофия дошта бошад, монанди абьёти авоили қасоид. Ва мешояд, ки дар як қасида чанд ҷо абьёти мусарраъ оранд ва ҳар якро аз онҳо матлае мегӯянд агарчи, филҳақиқат, матлаъ байти аввал аст».[38] Баъд аз чунин тафсир Атоулло фикри Шамси Қайсро доир ба ин масъала нақл мекунад: «Ва Шамси Қайс гуфта, ки мусарраъ байте бошад, ки арӯзу зарби он (яъне калимаҳои охирини мисраъҳо. — *Р. М.*). дар вазну ҳуруфи қофия муттафиқ бошанд».[39] «Аммо, — мегӯяд Атоулло ба суханони мазкури Шамси Қайс эрод гирифта, — ин хилофи машҳур аст. Ва худ низ чизе гуфта, ки бар хилофи он далолат мекунад; чи гуфта, ки: дар қасоиди порсӣ тасреи матолеъ лозим аст ва ҳар қасида, ки матлаи он мусарраъ набошад, агарчи дароз бувад, онро қитъа хонанд. Ва ҳамчунин дар рубоиёт тасреи байти аввал лозим доштаанд, то фарқ бошад миёни ӯ ва муқаттаоти дигар».[40] Пас аз нишон додани асли воқеа Атоулло саҳви Шамси Қайсро дар борайи зарур набудани таъкиди ҳамвазнии калимаҳои қофияшаванда равшан мекунад. Ӯ мегӯяд: «Ва зоҳир аст, ки он чи дар матолеи қасоид ва байти аввали рубой лозим аст, ҳамчунин иттифоқ дар қофия асту бас ва иттифоқ дар вазнро ҳеҷ кас лозим надошта».[41]

Зимнан, бояд гуфт, ки муаллифи «Бадоеъ-ус-саноеъ» маънои луғавии мусарраъро низ шарҳ додааст, ки ин барои хонандагон аҳамият дорад. «Ва тасреъ дар луғат, — мегӯяд ӯ, — дари дулахт сохтан аст ва мусарраъ — дари дулахт аст. Ва ҳар гоҳ, ки ҳар ду мисраи байт мувофиқ бошанд дар қофия, шак нест, ки мушобиҳати байт ба дари дулахт атамм ва акмал мешавад. Пас, бино бар он, байти мазкурро мусарраъ ном кардаанд».[42] Дар асарҳои Рашиди Ватвот, Шамси Қайс ва Ҳусайн Кошифӣ шарҳи маънои луғавии аксари калимаҳо, аз ҷумла, мусарраъ вонамехӯрад.

5. Атоулло зимни тафсири баъзе истилоҳҳои адабиётшиносӣ, чунончи, ҷазолат, салосат ва ғайра хусусиятҳои жанрӣ ва ҷинсии қасида, қитъа, маснавӣ, рубой барин жанрҳои шеъриро мухтасаран баён намудааст, ки ин ҳолат, аз як тараф, барои таҳқиқи афкори адабиётшиносӣ-эстетикии муаллиф аҳамият дошта бошад, аз тарафи дигар, дар омӯзиши сайри таърихии жанрҳои шеърии номбаршуда қимати муайянеро молик мебошад. Чунончи, дар хусуси ҷазолат муаллиф менависад, ки «он аст, ки алфоз ва таркиби шеър маҳкаму қавӣ бошад, чунонки дар қасоиди Заҳиру Анварӣ ва Камол Исмоилу амсоли эшон воқеъ шуда».[43] «Ва тариқи қасида, — мегӯяд ӯ боз, — ва қитъаи тавил (қитъаи сюжетдор?. — Р. М.) ин аст...»[44] Ё худ, дар бораи салосат ӯ мегӯяд, ки «он аст: ки алфози шеър нозук бошаду таркиби он равону хушоянда, чунонки дар ғазалҳои хазрати устодӣ аршоди мобӣ хуҷастафарри Ҷомӣ ва Амир Шоҳӣ воқеъ шуда... Ва тариқи ғазалу маснавӣ ва қитъаи қасиру рубой ин аст...».[45]

Ҳамин навъ кӯшишро дар соҳаи муайян сохтани қонунияти баъзе анвои шеърӣ дар асарҳои Шамси Қайси Розӣ ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ як андоза мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар асрҳои X—XV дар масъалаи шарҳу эзоҳи баъзе истилоҳҳои мураккаби адабиётшиносӣ аз тарафи

---

[38] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 362.
[39] Ҳамон ҷо, Инчунин, ниг.: «Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам», саҳ. 419.
[40] Бадоеъ-ус-саноеъ, нусхаи рақами КП-3351, саҳ. 362—363.
[41] Ҳамон ҷо. саҳ. 363.
[42] Ҳамон ҷо.
[43] Ҳамон ҷо. саҳ. 367.
[44] Ҳамон ҷо.
[45] Ҳамон ҷо.

муҳаққиқони тоҷику форс кӯшише ва ҷидду ҷаҳде ба миён омада ва он торафт такомул ёфта будааст. Агар Рашиди Ватвот бори аввал ташаббус нишон дода, бо номбар намудан ва шарҳи хеле мухтасари чанде истилоҳоти адабиётшиносӣ қаноат карда бошад, Шамси Қайс онро такмил додааст ва Қошифиву Атоулло дар ин масъала боз кадами ҷиддитаре ба пеш гузоштаанд, зеро эзоҳҳои онҳо, махсусан Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ нисбатан муфассал ва ҳаматарафа мебошанд. Ин «фарҳанг»-ҳо дар омӯзиши таърихи ташаккул ва такомули истилоҳҳои адабиётшиносӣ, жанрҳои адабӣ, таҳқиқи таърихи илми адабиётшиносӣ, барои таҳияи фарҳанги илмии таърихии истилоҳот, дар муайян намудани дараҷаи донишу маҳорат, завки адабию эстетикии муаллифонашон ва як қатор масъалаҳои дигари илмӣ ва амалӣ қимату аҳамияти калоне доранд.

Университети давлатии Тоҷикистон
ба номи В. И. Ленин

Июли 1974.

Р. МУСУЛЬМАНКУЛОВ

## К ВОПРОСУ ОБ ИНТЕРПРЕТАЦИИ ЛИТЕРАТУРОВЕДЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИМИ АВТОРАМИ X—XV ВВ.

Первые попытки составления толкового словаря литературоведческих терминов относятся к далекой древности. Комментировались литературоведческие термины в основном в толковых словарях таджикского языка; в литературно-критических работах, посвященных вопросам рифмы, аруза, поэтическим фигурам и т. п.; в специально выделенных разделах поэтических трактатов.

Эта последняя форма комментирования литературоведческой терминологии и рассматривается в статье. По мнению автора, основоположником именно такого принципа интерпретации литературоведческих терминов в таджикско-персидском литературоведении является Рашиди Ватвот (XIII в.), традиции которого были продолжены и творчески развиты Шамси Кайсом, Тодж ал-Халови и в особенности Кошифи и Атоулло.